**«Тасдиқ мекунам»**

Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор ____________

Назарзода Х.Х.

«__22__» ____10____ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи “Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи “Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунанд: 8.4. Механизми гардиши пули нақдӣ ва ғайринақдӣ, 8.8. Ташкили низоми самараноки пардохтӣ ва афзорҳои ҳаллу фасли буҳрони пардохтӣ, 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ, 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ, 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ, 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ, 11.8. Таҳқиқи таъсири танзими пулию қарзӣ ба равандҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар иқтисодиёт.

## Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Дар муқаддима дуруст қайд гардидасст, ки Тоҷикистони тозаистиқолол дар марҳалаи нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ қарор дошта, ҳамеша барои таъмини суботи ҷомеа пайгири ҷараёнҳои мусбати равандҳои ҷаҳонишавӣ мебошад. Албатта чунин таҷриба нишон медиҳад, ки яке аз падидаҳои печида ва мураккаби ҷаҳонишавӣ, ки аксар маврид рушди ин ё он соҳаро таъмин менамояд, ин рақамикунонии иқтисодиёт ва густариши амалиётҳои виртуалии пардохтӣ ва электронӣ мебошад, ки дар ин масъала муаллиф ба мувафақиятҳои ноил гардида

актуалӣ будани мавзӯи худро мушаххас намудааст. Бамаврид зикр карда шудааст, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар радифи ин низоми бонкӣ як марҳалаи мураккабро бо таъсири ҷанги шаҳрвандӣ аз сар гузаронида, бо шарофати талошҳои пайваста ва ислоҳоти иқтисодӣ ба нтиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз оне, ки рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамқадами Истиқлолият мебошад, бо тағйиротҳои рушди ба оянда нигаронидашуда пеш меравад ва ин пешравиро ҳамчун ҳадафи устувор ва доманадори худ қарор додааст.

Ҳамчуни дар муқаддимаи рисолаи илмии худ муаллифи рисола қайд менамояд, ки марҳалаҳои рушди бозори қаблии бонкӣ ва бозори муосири хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз як қатор талошҳои роҳбарияти олиии кишвар дар заминаи қабули як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва фармоишҳои дахлдори соҳавӣ тамоили болоравиро ба худ касб намуда, марҳала ба марҳала бозори хизматрасониҳои худро васеъ намуд. Ҳамчунин ишора шудааст, ки барои пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи бонкдорӣ шароит ва имконияти мусоид фароҳам овард то имконияти таъсиррасонии байнисоҳавӣ ба миён оварда шавад. Дуруст иқтибосовари шудааст, ки вобаста ба ҳамаи ин зарурриятҳо Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ раҳмон зикр намудаанд, ки “....ҷиҳати зиёд намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмуҳлат, хусусан, барои соҳибкории истеҳсолӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои босифат бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва гузариши пурра ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин, ҳарчи бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ ба низоми бонкӣ тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд”.

Актуали будани мавзӯи таҳқиқшаванда ба он асос меёбад, ки имрӯз зарурати гузариш ба иқтисоди рақамӣ рӯз аз рӯз аҳамияти бештарро ба худ касб намуда, пеш аз ҳама, дар ин ҷараён бонкҳои тиҷоратӣ ва технологияҳои рақамӣ, ки дар сода намудани амалиётҳои анъанавии низоми бонкӣ муҳим мебошанд, нақши ҳалкунанда доранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки бесуботии низоми бонкӣ дар аксар маврид аз ҳисоби қафомонии низоми бонкӣ аз технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ва виртуалӣ (маҷозӣ) ба миён меояд. Аз ин лиҳоз гузариш ба шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ талаб менамояд, ки комилан ғайринақдикунонии амалиётҳо, ҳатто амалиёти қарзӣ, гузаштан ба пулҳои рақамӣ ва платформаҳои ба ин монанд, аз зумраи он масъалаҳое мебошанд, ки ташкилотҳои қарзӣ ба онҳо пурра гузашта, як таҳаввулоти навро дар низоми бонкӣ ба миён оваранд, ки ин масъалаҳо актуалӣ будани мавзӯи баррасишавандаро дар сатҳи илм инъикос менамоянд. Ҳамзамон бо ин қисматҳои дигари рисолаи илмиро, ки мушаххасот ва актуалӣ будани рисолаи илмиро инъикос менамоянд дар диссертатсия оварда шудаанд. Саҳ 4-16.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ довталаб дар шароити имрӯза муҳити васеъи иҷтимоию иқтисодии кишварро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ дар бар гирифта, ба як қатор барномаву стратегияҳои дахлдорӣ соҳавӣ асоснок карда шудааст. Вобаста ба ин мавзӯи диссертатсия ба самтҳои асосии таҳқиқотҳои бунёдию амалӣ, аз ҷумла самтҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" аз 22 июни соли 2023, таҳти рақами 586, Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2022, №314, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025 асос ёфтаанд. Саҳ. 7.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Аз арзёбӣ ва мушаххасоту дастовардҳои илмӣ, навгониҳои диссертатсия ҳамчун қисми асосӣ ва таркибии рисолаи илмӣ маҳсуб ёфта, дар он мавқеи муаллифӣ дар баррасии мавзӯ инъикос меёбанд. Аз ҳамин лиҳоз навгониҳои илмии унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна , ки дар рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудаан аз бандҳои зерин иборат мебошанд саҳ 11-13:

1. Унвонҷӯ дар навгонии якуми худ ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкиро таҳлилу баррасӣ намуда, ҳамзамон равандҳои методии баҳодиҳиии навовариҳои электронӣ ва инноватсияҳои бонкиро мушаххас намудааст. Иловатан ӯ муваффақиятиҳои рушди бозори хизматрасониҳои электрониии бонкӣ ва амалиётҳои электронии бидуни пули нақд ҳамчун масъалаи меҳвари ҳисоб меёбанд баррасӣ намудааст.

2. Дар мавриди дигар унвонҷӯ Аъзамова Т.Т дар самти тағйиротҳои сохторӣ, иттилоотӣ, техникӣ ва технологӣ дар баробари бозори анъанавии бонкӣ пешниҳод намудани бозори нави электронии бонкӣ, ки тамоми хизматрасониҳоро ба таври маҷозӣ бидуни таъсири омилҳои субъективӣ таъмин менамояд онро муаллиф пешниҳод намудааст. Муаллифи рисола дар самти таҳқиқот барои муаян намудани инноватсия паҳлуҳои фарогирии иннноватсионии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва афзалиятҳои воситаҳои ҳозиразамони электрониро дар сатҳи бозори хизматрасониҳои бонкӣ тавасути дастгоҳҳои ҳушманд пешниҳод намудааст, ки ин дастовардҳои муаллифӣ қобили дастгирӣ мебошанд.

3. Дар навгонии сеюм вобаста ба марҳалаи рақамикунонии иқтисодиёт модел ва барномаҳои нави рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо дарназардошти афзалият, мушкилот ва дурнамо таҳия гардида, имкониятҳои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ пешниҳодҳои ҳадафманд намудааст. Илова бар ин

муаллифи рисолаи илмӣ фарқ байни афзалиятҳои бозори анъанавии бонкӣ ва бозори хизматрасониҳои муосири бонкӣ мушаххас карда шудаанд.

4. Дар навгонии чоруми рисолаи илмӣ шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ бо роҳи фароҳам овардани инфрасохтори зарурии пардохтӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷиситон бо роҳи ба даст овардани эътимод аз тарафи муаллиф пешниҳод гардидаанд. Иловатан муаллиф Аъзамова Т.Т. рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, рушди кортҳои бонкӣ ва дигар амалиёту хизматрасониҳи бонкиро таҳлилу баррасӣ намудааст.

5. Дар диссертатсия вобаста ба навгонии панҷум муаллиф вобаста ба баланд гардидани хавфҳои киберию технологӣ, ки онҳо бо низомҳои муосири хизматрасониҳои бонкӣ дар самти воситаҳои ҳозиразамони пардохтӣ алоқаманд мебошанд таҳлилҳо гузаронида муаллифи рисола дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Муаллиф чунин пешниҳод намудааст, ки бо истифода аз техника ва технологияҳои муосир шаклҳои нави хизматрасониҳои маҷозӣ, ки ба воситаи изҳои ангушт ё рушнои чашм истифода мешаванд дар ин самт ва истифодаи он пешниҳодҳои мушаххас намудааст.

6. Дар навгонии дигар зикр гардидааст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ва тезу тунд ҷараён гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ дар самти техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ ва дорои зеҳни сунъӣ ба мо икон дод, ки бозори хизматирасониҳои бонкиро гурӯҳбандӣ намуда, ҳамзамон бо ин мадели хизматрасониҳои бонкиро коркард ва ниҳоятан шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкие, ки мо бояд ба онҳо ҳатман гузарем мавқеи муаллиф дар ин самт ҷиддӣ мебошад.

7. Дар навгонии ниҳоӣ муаллиф иброз доштааст, ки дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт ва гузаштан ба низоми нави хизматрасониҳои электронии бонкӣ дар марҳалаи аввал хизматрасониҳои бонкӣ гурӯҳбандӣ гардида, модели афзалиятҳо ва бартариятҳои бозори қаблии бонкӣ ва бозори муосири хизматрасониҳои электронии бонкӣ ва дигар амалиётҳои қаблӣ дар шакли ғайринақдӣ коркарду пешниҳод гардидаанд, ки ин навгониҳо мавқеи муаллиф ва дастовардҳои онро инъикос менамояд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

Дар баробари ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар самти таҳқиқоти илмӣ ҳамчун навгонӣ, ки онҳо ба як қатор нишондиҳандаҳои соҳавӣ асоснок гардидаанд, зарурияти асосноккунии илмӣ-амалиро тақозо менамоянд ва ин масъалаҳоро дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мукаммал нишон дода шудаанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна ҳамчун қисми муҳими натиҷаҳои ба дастовардашуда аз инҳо иборатанд: (саҳ 10 - 11).

1. Дар нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ-методӣ ва амалии хизматрасониҳои электронии бонкӣ ва

бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо зарурати иқтисодӣ ва манфиатҳои дутарафаи субъективиро ошкор намуда, дар ин самт ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки онҳо мукаммалан асоснок карда шудаанд;

2. Дар нуқтаи дуюми ба дифо пешниҳодгардида муаллиф роҳҳои ҷорӣ намудани техникаву технологияҳои муосир ва истифодаи самараноки онҳоро таҳлилу баррасӣ намуда, рушди хизматрасониҳои нави бонкро бо роҳҳои асоснок ва мувофиқашуда комилан пешниҳод намудааст;

3. Дар навгонии сеюм бошад унвонҷӯ Аъзамова Т.Т. шаклҳои муосири воситаҳои электронӣ ва замимабарномаҳои нави хизматрасониҳои бонкро бо бартарияту мушкилотҳо коркард ва пешниҳод намуда онро ҳамчун асоси рушди фаъолияти бонкҳо ба таври асоснок пешниҳод намудааст;

4. Навгонии чорумро бошад роҳҳои фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон ташкил намуда муаллифи рисола роҳҳои татбиқи онро дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон пешниҳод намудааст;

5. Ҳамчунин зарурияти истифодаи босуръати технологияҳои ҳозиразамони пардохтӣ ва роҳҳои таъмини бехатарии амалиётҳои электронӣ бо дарназардошти истифодаи воситаҳои электронӣ муайян ва пешниҳод гардидаанд, ки аз тарафи унвонҷӯ ба таври дуруст инъикос ёфтаанд;

6. Вобаста ба талаботҳои имрӯза бозори хизматрасони бонкӣ гурӯҳбндӣ гардида, дар натиҷа вобаста ба ин мадели хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба бартариву афзалиятҳои хизматрасониҳо коркард ва шаклҳои муосири хизматрасониҳои нави бонкӣ аз тарафи муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд;

7. Муаллифи рисола гузариш ба низоми нави рақамикунонии иқтисодиёт ва ба технологияҳои ҳозиразамон нигронидашуда тавасути хизматрасониҳои маҷозӣ ва пардохтҳои электронӣ гурӯҳбандӣ гардида, бартарият ва афзалиятҳои бозорҳои хизматрасонии қаблӣ ва электронии бонкӣ муайян ва ошкор намуда, мушаххасоти онро пешниҳод намуда бо як қатор натиҷаҳо онро асоснок намудааст.

Вазимфаҳои таҳқиқоти илмӣ, навгониҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамчун қисматҳои асосии рисолаи илмии унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна маҳсуб ёфта, дар доираи онҳо муалллифи рисола ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст. Ҳамзамон бо ин дар доираи банҳои мазкур унвоҷӯ тамоми нуқтаҳои заруририро, ки мушаххасоти рисоларо инъикос менамоянд, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯро як қаторасару коркардҳои илмии олимони дохилию хориҷӣ, ҳамчунин пешниҳодҳои кормандони соҳавӣ ва стратегияву барномаҳои дахлдори соҳавӣ ташкил намуда он ба таҳқиқу баррасии ҳалли масъалаҳои назариявӣ, методӣ, амалӣ ва тактикӣ вобаста ба рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир бо тақвияти ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳои электронӣ, ташкили замимабарномаҳои ёрирасони бонкӣ ва дигар дастгоҳҳои ҳушманд ташкил намуда зарурияти онҳо дар тақвияти ин масъала мукаммалан баён шудааст, ташкил медиҳад, ки он заминаи муаян намудани ҷанбаҳои амалии таҳқиқот мебошанд. Асосҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯро бошад як қатор санадҳои меъёрию стратегӣ, консепсияҳо ва дигар асару маҷалаҳои оморию илмӣ, барномаву дастурҳои стратегӣ, маълумотҳои оморӣ ва методии Бонки миллии Тоҷикистон, маълумотҳои омории ташкилотҳои қарзӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сарчашмаҳои мушаххас ташкил медиҳад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** Вобаста ба ин банд унвонҷӯ дар арзёбӣ ва занҷираи баррасии мавзӯи таҳқиқот ҳамчун натиҷаи қаблӣ ва ниҳоӣ як қатор марҳилаҳои зарурӣ ва асоснок ба монандӣ: баррасӣ ва таҳияи мавзуи илмӣ, самтҳо ва механизмҳои асосноккунии илмӣ ва методӣ, баҳодиҳӣ ва асосноккунии мубрам будани мавзӯи илмӣ, мушаххасозӣ ва ошкорнамоии вазифаҳои гузошташуда, ҳамчунин амалакрдҳои муаллифӣ дар самти иштироки бевоситаи муаллиф дар чорабиниву конфронҳои илмӣ саҳм ва ҳиссаи муаллифро ташкил медиҳанд, мувафақ гардида, мавқеи имлмӣ ва муҳаққиқ будани худро дар ин самт муаян намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натичаҳои диссертатсия**

Тибқи нишондодаҳои унвонҷӯ Аъзамова Т.Т. натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки ҳамчун асос барои исботи масъалаҳои баррасигардида мебошанд, ҳамчун натиҷа ва амалкардҳои қаблӣ дар семинару мизҳои мудаввар ва конференсияҳои илмӣ дар сатҳи дохилӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилали бо баромадҳои муаллифӣ асосан дар давоми слҳои 2020-2024 мавриди баррасӣ қарор гирифта пешниҳод шудаанд. Дар асари илмӣ зикр гардидааст, ки дар омодасозии диссертатсия тавсияҳои методӣ ва амалиро метавона дар ҷараёни таълими толибилмони макотиби олии кишвар ва семинармашваратҳои соҳавӣ бо кормандони соҳаи бонкӣ аз фанҳои инноватсия дар бонкҳо, навовариҳои электронӣ дар бонк ва муносибатҳои мукотибавии байнибонкӣ дар ДДМИТ ва дигар макотиби олии кишвар истифода намудан имконпазир мебошад ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки рисола дар шароити имрӯза дар баробари хусусияти илмӣ доштан ҷанбаҳои баланди таълимӣ доранд.

## Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Қайд кардан зарур аст, ки вобаста ба интишороти муаллифӣ ҳаминро иброз доштан зарур аст, ки аз тарафи унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи илмӣ маҷмӯан аз тарафи унвонҷӯ 15 мақолаи илмӣ дар рузномаву маҷалаҳои сатҳи гуногун аз он ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда бо талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва 9 мақола дар рузномаву маҷалаҳои дигар нашр намудааст, ки тибқи талаботи КОА мувофиқат мекунад. (саҳ. 14).

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертасияи илмии мо аз муқаддима, феҳристи ихтисорҳои истифодашуда, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 9 расм, 12 ҷадвал, 14 диаграмма ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки онҳо аз 151 номгӯй иборат мебошанд, ташкил дода дар ҳаҷми 174 саҳифа таҳия шудааст. (саҳ. 15).

Унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, онро ба як қатор дастоварду мувафақиятҳо асоснок намудааст, ки онҳо маҳорати баланди таҳқиқотчиро инъикос менамоянд.

Унвонҷӯ дар боби аввали диссертасия, ки – **“**Асосҳои назариявӣ ва методии рушди инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ дар иқтисодиёти муосир”-ро ташкил медиҳад иловатан, назария ва хусусиятҳои хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми иқтисодӣ, асосҳои ташаккули равандҳои инноватсионӣ дар самти хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба талаботҳои бозор, таҷрибаи хориҷии ташкили хизматрасониҳои бонкӣ ва имкони истифодаи он дар низоми бонкии кишварро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода ба як қатор натиҷаҳои назарраси назариявӣ дар ин самт ноил гардидааст.

Вобаста ба ин гуфтан зарур аст, ки дар арзёбӣ ва мушаххаснамоии боби мазкур унвонҷӯ дар баробари баррасии амиқи нуқтаи назари олимону коршиносон дар ин самт, иловатан тасниф ва гурӯҳбандии хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба талаботҳои замони муосир мавриди таҳқиқ қарор дода ин масъаларо ба таври муаяну пешниҳод намудааст, ки дар сатҳи таҳқиқотҳои илмӣ қобили дастгирӣ мебошад. (Саҳ 24, ҷадвали 1.1). Дар зербоби якуми боби якум муаллиф ба таври моҳирона амалиёт ва хизматрасониҳои бонкиро аз ҳамдигар ҷудо намудааст. Ҳамчунин дар ҳамин боби рисола тасниф ва гурӯҳбандии инноватсия ва хосиятҳои он дар сатҳи низоми бонкиро мувофиқи мақсад мушаххас ва пешниҳод намудааст. Саҳ 39-40, ҷадвали 1.2). Дар масъалаи табодули таҷриба ва истифодаи босамари инноватсия дар Тоҷикистон аз рӯи мувафақиятҳои хориҷӣ муаллиф ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Саҳ 44-58.

**Дар боби дуюми рисолаи илми унвонҷӯ мушаххасан таҳлили низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир ва иловатан** таҳлили

вазъ ва натиҷабахшии хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инноватсияҳо дар низоми муосири хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити имрӯза ва таҳлили бозори хизматрасониҳои қарзию амонатӣ ва баҳодиҳии ҳолати фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, дар ин самт як қатор мушаххасотҳои дигари марбут ба мавзӯро таҳқиқ намудааст.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ унвонҷӯ барои асоснок намудани пешниҳодҳои овардашуда динамикаи рушди низоми бонкӣ, тамоили рушди инфрасохтори зарурии хизматрасониҳои пулии бонк дар солҳои 2010-2023, таносуби афзоиши шумораи кортҳои бонкӣ ва инфрасохтори зарурии истифодаи кортҳои бонкӣ дар соли 2010-2023 (бо%), таносуби дорандагони кортҳои бонкӣ ва банкоматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2023 (бо адад)-ро таҳлил намуда, дар ин самт хулоса ва пешниҳодҳои ҳадафманд намудааст. Саҳ 56-68.

Илова бар ин унвонҷӯ масъалаи истифодаи босамари терминалҳои электрониро таҳқиқу баррасӣ намуда, вобаста ба ҳалли ин масъала низ пешниҳодҳои ҳадафманд намудааст. Саҳ 81. Илова бар ин муаллиф дар боби дуюм як қатор имкониятҳои аҳолӣ вобаста ба имконият ва истифодабараии техника ва технологияҳои муосир дар муҳити инноватсионӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Саҳ 82-99.

Дар боби сеюм бошад роҳҳои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси татбиқи инноватсияҳоро бо иловаи гурӯҳбандӣ ва механизмҳои такмили ҳиссобаробаркунӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, нақши хизматрасониҳои бонкӣ дар рушди самтҳои афзалиятноки иқтисодии кишвар, масъалаҳои арзёбӣ ва таъмини сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар паҳлуҳои ба ин масъала хосро мавриди таҳқиқ қарор дода ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаастс. Қайд кардан зарур аст, ки дар боби сеюми рисолаи илмӣ унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна сохтори минбаъда ва татбиқшавандаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва як қатор масъалаҳои дигари марбут ба инноватсия ва хизматрасониҳои бонкиро таҳлилу баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Саҳ 100-149.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ**

Вобаста ба таҳқиқоти анҷомгардида ва натиҷаҳои бадастовардашуда вобаста аз мувафақияту комёбиҳои диссертасияи унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна, ки онҳоро мувафақиятҳои уновонҷӯ ҳисобидан мумкин аст, иловатан як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин норасоиҳо ба арзиши илмии рисола таъсири манфӣ намерасонанд ва инҳоро дар бар мегиранд:

1. Мушаххасоти параграфи якуми боби 1 беҳтар мегардид агар муаллиф баъзе ҷанбаҳои манфии гузариш ба низоми нави

хизматрасониҳои бонкиро аз нуқтаи назари олимони соҳа мушаххас менамуд сифатан сатҳи таҳқиқот дигаргун мегардид. (саҳ.28).

2. Параграфи 1.3 боби якуми рисолаи илмӣ дар самти таҷрибаи хориҷӣ таҳқиқ шудааст. Таҳқиқот дар ин самт бурд мекард агар муаллиф дар ин самт вобаста ба татбиқшавии муваффақиятҳои соҳа хулосаҳои мушаххас менамуд. Саҳ 55.

3. Муаллифи рисолаи илми вобаста ба сатҳи истифодаи самараноки терминал ва постерминалҳои электронӣ дар нуктаҳои савдо ва хизматрасонӣ як таҳлилҳои мушаххас намудааст. Лекин таҳқиқот бурд мекард агар муаллиф сабабҳои истифода нашудани ин дастгоҳҳои электрониро шарҳ медод кор бурд мекард. Саҳ 81.

4. Баъзе факту рақамҳо баҳсбарангез буда, шарҳу тавзеҳи иловагиро аз тарафи муаллифи диссертатсия тақозо менамоянд.

5. сифати диссертатсия бурд мекард агар муаллифи рисола дурнамои рушди бозори хизматрасониҳои бонкиро дар муҳити инноватсиони барои чан соли оянда ба таври эҳтимолӣ пешниҳод менамуд.

6. Дар матни диссертатсия баъзан камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Қайд кардан зарур аст, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну мухтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунад.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия**

Бо ибрози чунин нуктаи назар гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи "Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ ва қобили ҳимоя дар шӯрои пешниҳодгардида омода шуда, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбудаи КОА мутобиқ мебошад.

Иловатан гуфтан зарур аст, ки диссертасияи таҳқиқгардидаи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар айни замон ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи номзадӣ омода гашта, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ шудааст (Протоколи №3 аз 21.10.2025)

Дар ҷаласаи кафедра 10 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор 10 нафар, зид нест, бетараф нест.

Раис, мудири кафедраи
фаъолияти бонкӣ, номзади
илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳалимов Л.М.

Ташхисгар,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Султонов З.С.

Котиби ҷаласа:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон Сафарова М.Б.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Дехоти, 1/2. http://www.tsuk.ti. E-mail: tguk@mail.ru, Email: tguk2025@gmail.com тел: +992 (37) 234-85-46

Имзоҳои Ҳалимов Л.М., Султонов З.С., ва Сафарова М.Б.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ Пирзода С.С.